**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгори
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,
доктори илмҳои таърих,
профессор ____________ Ғаффорӣ Н.У.
04 ноябри соли 2020

# ХУЛОСАИ

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертацияи Султонова Сурайё Абдурашидовна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ» дар кафедраи методикаи таълими забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ анҷом дода шудааст.

Дар давраи омода намудани диссертатсия аспиранти ғоибхон Султонова С. ба ҳайси омӯзгори кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ фаъолият намудааст. Номбурда аз фанни «Забони англисӣ» ба донишҷӯёни курси якум дар факултетҳои технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ дар сатҳи хуби касбӣ дарс мегузарад.

Султонова С. соли 2002 факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ.Ҷӯраевро (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ) бо ихтисоси «омӯзгори забонҳои англисӣ ва олмонӣ» хатм намудааст. Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, аз 03. 04. 2015, қарори №3\61 тасдиқ шудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз ҷониби Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ аз санаи 10.11.2020 тахти №04/226 дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** - Сайфуллаев Хайрулло Ғайбуллаевич, доктори фанҳои педагогӣ, профессор, дар кафедраи забони олмонӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ фаъолият менамояд.

Дар асоси муҳокимаи диссертатсияи Султонова Сурайё Абдурашидовна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ» хулосаи зерин баровавда шуд:

**Мубрамияти таҳқиқоти диссератсионӣ.** Диссертатсияи Султонова С.А. ба яке аз масъалаҳои мубрами методикаи таълими забони хориҷӣ – проблемаи ташаккули таҳсилоти касбӣ бахшида шудааст. Мубрамияти таҳкикоти диссератсионӣ бо он зоҳир мегардад, ки тағйироти куллӣ дар ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди мактаби олӣ масъалаи омодагардонии кадрҳоеро гузошт, ки дараҷаи баланди фарҳанг, саводнокӣ, маърифатнокӣ, салоҳиятмандии касбиро фаро гирифта, барои худтатбиқсозӣ ва кор дар шароитҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ қобилият доранд. Рақобатпазирии мутахассиси асри XXI ҳам ба ихтисосиояндаро азхуд кардани донишҷӯ, ҳам ба фарҳанги гуманитарӣ, тафаккури инкишофёфта, тарбиятнокии ӯ вобаста мебошад. Доктринаи миллии таҳсили техникӣ ба сифати яке аз принсипҳои ташаккули талабот ба фаъолияти техникии мутахассиси оянда, инчунин мундариҷаи таҳсилоти техникӣ тамоюли ахлоқӣ-гуманитариеро мепазирад, ки он таваҷҷуҳи хосаро ба мушкилоти дорои аҳамияти умумиинсонӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ба таҳлили масъулияти ахлоқӣ ва иҷтимоии мутахассисони ояндаи техникӣ барои пайомадҳои фаъолияти касбӣ пешбинӣ мекунад.

Имрӯз дар ҶТ шахси маърифатнок ҳамзамон бо забони тоҷикӣ боз забони русӣ - забони муошироти байналмилалӣ, инчунин забонҳои аврупоӣ (англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ) ва осиёӣ (арабӣ, ҷопонӣ, чинӣ,

куриёӣ)-ро медонад. Донистани забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муоширати байнифарҳангӣ бе азхудкунии мувозии фарҳанги дахлдор номумкин аст. Аз ин сабаб раванди таълимро тавре бояд ташкил дод, ки забони хориҷӣ ҳамчун феномени фарҳанги миллӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, навъи хосаи салоҳият - салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ тавҷеҳ карда шавад ва дар натиҷаи ниҳоӣ муоширати комили байнифарҳангӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ таъмин гардад.

Аҳамиятнокии таҳқиқот аз чунинҳо бармеояд: натоиҷи мушоҳидаҳо ва таҳлилҳои муносибатҳо ба татбиқсозии ҷанбаи иҷтимоӣ-фарҳангии мундариҷаи таълими дорои тамоюли касбии забони хориҷӣ; коркард нашудани проблемаҳои мураттабӣ ва муттасилии ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар шароитҳои муассисаи таҳсилоти олии техникӣ; номавҷудии таъминоти созгори методӣ ва дидактикӣ дар ҷараёни рушди иҷтимоӣ-фарҳангии шахсият дар ҷараёни таълими касбии забони хориҷӣ; методҳои анъанавии таълим, ки омодагардонии донишҷӯёнро ҷиҳати ҳамкории байнифарҳангӣ дар соҳаи шарикии корӣ дар сатҳи байналмилалӣ таҳрик намебахшанд. Дар баробари ин, ҳамгироии босуръати иқтисодии мамлакатҳо дар тамоми ҷаҳон ҳолати гуногуншаклии забонӣ ва фарҳангиро дар ҳама сатҳҳои шарикии корӣ ба амал овард ва ба зарурати ташаккули асоси умумии фарҳанги корӣ, ки аз маҷмӯи арзишҳои бунёдии ахлоқӣ иборат мебошад, оварда расонид. Мутаассифона, аҳамияти омодагии иҷтимоӣ-фарҳангиро миқдори ками донишҷӯён дарк менамоянд ва донистани забони хориҷиро ҳамчун восита муошират барои фаъолияти байналмилалӣ кофӣ мешуморанд.

Ҳамин тариқ, коркарди нокифояи илмии проблемаи мавриди баррасӣ мавзӯи таҳқиқи диссертатсионии мазкурро муайян намуд: "Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ дар раванди таълими забони хориҷӣ". Дар интихоби мавзӯи мазкур унвонҷӯ муайян намудани

мухолифатҳои зеринро, ки аҳамияти муҳим дошта, хоси раванди таълиму тарбияи муосир мебошад, баррасӣ намудааст:

1) Дар миёни талаботи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷиҳати таҷдиди мундариҷаи таълими забони хориҷӣ ва тавсеаи қисмати иҷтимоӣ-фарҳангии он ва коркард нашудани таъминоти дахлдори методӣ ва дидактикӣ;

2) Талаботи шахсии маърифатии донишҷӯён ба омӯхтани ЗХ дар реҷаи интерактивӣ ҳамчун василаи муоширaт ва маърифати манзараи иҷтимоӣ-фарҳангии ҷаҳони намояндагони забон ва омода набудани муаллимон ба истифодабарии технологияҳои педагогии таълим ва инкишофи иҷтимоӣ-фарҳангие, ки хусусияти фаъолиятӣ, интерактивӣ ва инкишофдиҳандаи фазои таҳсилотро таъмин мекунанд;

3) Самтгирии арзишии таҳсилот ба баландбардории нақши иқтидори тарбиявӣ, рушдбахшандаи шахсият ва фарҳангӣ-маърифатии забони хориҷӣ ва равиши анъанавии касбии раванди таълим.

Ба ҳамин муносибат барои проблемаи интихоб: технологияҳои нисбатан мақбули педагогии созгор ба мундариҷаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ / фарҳангшиносии тамоюли касбии таълими забони хориҷӣ ва таҳрикдиҳандаи рушди салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар давраи ибтидоии таҳсилоти техникӣ ҳалнашуда ва тақозогари омӯзиши вижа боқӣ мемонад.

**Мақсади таҳқиқот** аз коркарди назариявӣ ва санҷиши озмоишии модели ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар самарабахшии технологияҳои педагогӣ зимни таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои техникӣ иборат аст.

**Объекти таҳқиқотро** раванди инкишофи салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии техникӣ бо истифодаи технологияҳои педагогии таъминкунандаи таълими тамоюли касбии забони хориҷӣ ташкил медиҳад.

**Мавзӯи таҳқиқот** раванди ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён зимни таълими забони хориҷӣ дар муассисаи таҳсилоти олии техникӣ мебошад.

Дар ҷараёни гузаронидани таҳқиқот унвонҷӯ ба **натиҷаҳои илмии** зерин ноил гардидааст, ки дар илми педагогика дорои аҳамити бузург мебошанд:

1. Бори нахуст дар илми педагогика ва таърихи маорифи Тоҷикистон методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ омӯхта шуд.

2. Қавоиди консептуалии равияи ба шахсият нигаронидашудаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар шароитҳои бисёрзабонии муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ коркард карда шуданд.

3. Проблемаи омодагардонии мутахассисони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ барои ҳамкорӣ дар заминаи коммуникатсияи байнифарҳангӣ коркард карда шуд.

4. Моҳият ва сохтори салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён зимни таълими муошırати ғайрзабонӣ дар муҳити бисёрзабонӣ муайян карда шуд, қисматҳои он (забонӣ, коммуникативӣ, мавзӯӣ, тамоюли шахсиятӣ, таълимӣ) ҷудо карда шуданд, иҷрои мундариҷавии онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

5. Заминаҳои ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар шароитҳои бисёрзабонии муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ муайян карда шуданд.

6. Модели ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар самаранокии технологияҳои педагогӣ зимни таълими муошırати ғайрзабонӣ коркард карда шуд.

7. Низоми санҷиши ташаккулёбии салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии мутахассиси ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ, ки меъёрҳои фарҳангшиносӣ, коммуникативӣ, касбӣ ва шахсиятӣ-арзишӣ, инчунин

нишондодҳои аз рӯйи ҳар меъёр мураттабшударо фаро мегирад, пешниҳод карда шуд.

Ба андешаи мо, натиҷаҳои ба даст омада доир ба маълумотҳои эмпирикӣ имконият медиҳанд, ки тенденцияҳои умумӣ ва конуниятхое ошкор карда шаванд, ки татбиқи илмӣ-назариявӣ ва мақсаднокии такмили сифати таҳқиқотҳои диссертатсиониро дар илми педагогика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода намоянд.

Диссертатсия мувофиқи методологияи муосири илмӣ ва низомномаи муътақиди илми педагогӣ таҳия гардидааст. Тавсияхое, ки унвонҷӯ пешниҳод намудааст, дорои аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ буда, дар донишгоҳҳои техникии ҷумҳурӣ татбиқи муваффақона пайдо карда метавонад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ мустақилона дар заминаи таҳлили амиқ ва асосноки адабиёти илмӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот таҳия гардидааст.

**Арзишмандии рисола** бо он зохир мегардад, ки муаллиф кӯшиш кардааст, модели ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёнро аз ҷиҳати назариявӣ коркард ва дар самарабахшии технологияҳои педагогӣ зимни таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои техникӣ дар озмоиш бисанҷад.

Дар асоси омӯзиши манбаъҳои назариявӣ ва методологӣ, татбиқи муносибатхое аз қабили муносибати тамоюли шахсиятӣ, фарҳангшиносӣ, бисёрэтникӣ ва хоказо, истифодаи технологияҳои педагогӣ, аз ҷумла таълими интерактивӣ, гузаронидани дарсҳо-муаррифиҳо, технологияҳои компютерӣ ҳамчун яке аз роҳҳои ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ, омодагии донишҷӯён ба ҳамкории педагогӣ дар ҳолати коммуникатсияи байнифарҳангӣ ва ғайра, шароитҳои дидактикӣ, принсипҳо ва модели ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар самаранокии технологияҳои педагогӣ зимни таълими муоширати ғайрзабонӣ пешниҳод карда шудаанд.

Барои татбиқи босамараи технологияи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён ҳангоми таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ барномаи таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ коркард карда шуд, ки он санҷиши шароитҳои педагогии пешниҳодшударо амалӣ гардонд.

Азбаски модели функсионалии ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар самаранокии технологияҳои педагогӣ зимни таълими муоширати ғайрзабонӣ ташкилаи сохториест, ки ҷанбаҳои когнитивӣ ва коммуникативро фаро мегирад, муттаҳидсозии фарҳангҳо зимни таълими ЗХ дар сатҳи байнифарҳангӣ омӯхтани онро талаб менамояд. Ин дар ҳолати муқоисаи як фарҳанг бо фарҳанги дигар ва зуҳурёбии хусусиятҳои онҳо рӯй медиҳад.

Ҳамин тариқ, Султонова С.А. аз адабиёти сершумор истифода карда, диссертатсияро бомуваффақият ба забони тоҷикӣ ба анҷом расонидааст. Диссертант доир ба ҳар як масъалаи дар рисола баррасишаванда ба фикру хулосаҳои олимон такя карда истода, мулоҳизаҳои худро низ иброз медорад. Эътимоднокии натиҷаҳое, ки унвонҷӯ пешниҳод менамояд, дар асоси маълумотҳои озмоиш ва хулосаҳои илмӣ мебошанд.

**Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастовардаро** инҳо таъмин мекунанд: истифодаи бунёди методологӣ ва назариявии таҳқиқот; такя ба маҷмӯи методҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзӯъ ва мақсадҳои таҳқиқот созгоранд; таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи таҳқиқот пешниҳод карда шудаанд; тафтиши маводҳои диссертатсия дар низоми таҳсилоти олии педагогӣ ва техникӣ; таҷрибаи шахсии амалии касбии фаъолияти омӯзгории муаллифи диссертатсия.

Натиҷаҳои ба дастомада ба ихтисоси диссертатсия ҷавобгӯй мебошанд.

Мазмун ва мӯҳтавои автореферат, мақолаҳои илмии дар нашрияҳо нашршуда ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пеш истодаи муаллиф мувофиқат мекунанд.

**Аҳамияти амалиявии таҳқиқотро** модели пешниҳодшудаи аз лиҳози назариявӣ асоснок ва ба таври озмоишӣ санҷидашудаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии мутахассисони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ ҷиҳати самаранокии технологияҳои педагогӣ ҳангоми таълими муоширати ғайрзабонӣ, ки барои ҳалли вазифаи баландбардории самаранокии ташкили раванди таълими забони хориҷӣ мавриди истифода қарор мегирад, иборат мебошад. Барномаи таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии коркарднамудаи муаллиф барои ташаккулдиҳии салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ, ки аз вазифаҳои ҳар давраи таълим ва қисматҳои мавзӯӣ тибқи ҳар давра таркиб ёфтааст, ба мураттабгардонии донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои забонии муҳассилин ва салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии онҳо нигаронида шудааст. Маҷмӯъҳои таълимӣ-методӣ (МТМ), ки барнома, силлабус ва мундариҷаи курси «Забони англисӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ»-ро фаро мегиранд, коркард карда шуданд. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои кори диссертатсионӣ метавонанд ба сифати коркард оид ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар давраи аввали таълими тамоюли шахсиятии забони хориҷӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ истифода бурда шаванд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат мебошад, ки дар диссертатсия дар асоси талабот ба мутахассиси ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ модели ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён ҷиҳати самарабахшии технологияҳои педагогӣ ҳангоми таълими муоширати ғайризабонӣ коркард карда шуд: банизомдарории мақсадҳо, вазифаҳо ва маҷмӯи принсипҳо, мундариҷаи таълим, шароитҳои педагогӣ, давраҳои таҳқиқоти озмоишӣ ва меъёрҳо барои арзишдоварии маҳоратҳо ва малакаҳои ташаккулёфта гузаронда

шуд. Модели коркардшуда барои бавучудоварии асоси назариявии омодасозии донишчӯён ва самаранокии технологияҳои педагогӣ зимни таълими муоширати гайрзабонӣ, ки ба татбиқгардонии он дар чараёни таълими тамоюли шахсиятии забони хоричӣ мусоидат мекунад, хидмат менамояд.

**Интишори натичаҳои диссертатсия.** Натичаҳои асосӣ дар маводҳои Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ, мачмӯаҳои маводҳои конфронсҳо инъикос ёфтаанд; аз санчиши зарурӣ гузаштанд, дар конфронсҳои илмӣ-амалии чумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо васеъ баррасӣ шудаанд, дар 13 мақола инъикос ёфтаанд, аз чумла 4 мақола дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Чумҳурии Точикистон ва Вазорати маориф ва илми ФР ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба талаботи низомнома оид ба дарёфти дарачаи илмӣ.**

Рисолаи илмӣ аз муқаддима, 2 боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳачми умумии рисола аз 160 саҳифаи матни компютерӣ иборат аст. Натичаҳои кор дар 1 расм, 1 диаграмма ва 9 чадвал инъикос карда шудаанд.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад ва ба талаботи мавчуда чавобгӯ мебошад.

Дар мачмӯъ, кори таҳқиқотии анчомдодашуда ба унвончӯ имкон додааст, ки оид ба ташаккули салоҳияти ичтимоӣ-фарҳангии донишчӯён дар раванди таълими забони хоричӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ зимни татбиқи ғояҳои педагогикаи муосир ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гардад.

**Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Чумҳурии Точикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М] Султанова, С.А. (бо ҳаммуаллифӣ). Методикаи ташаккули салоҳияти фарҳанги ичтимоии донишчӯёни донишгоҳҳои техникӣ зимни

омӯзиши забони хориҷӣ / С.А.Султанова, Х.Г.Сайфуллоев [Матн] // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши «Илмҳои педагогӣ». –Душанбе, 2018. -№ 2 (74). –С.98-102.

[2-М] Султонова С.А. Парадигмаи иҷтимоӣ-фарҳангии таҳсилот ва хусусиятҳои хоси омодагии коммуникативии мутахассисони ояндаи муассисаи таҳсилоти олии техникӣ / С.А.Султанова [Матн] // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши «Илмҳои педагогӣ». - Душанбе, 2018. -№ 5-1(77). –С.60-64.

[3-М] Султонова, С.А. Технологияи мултимедӣ ҳамчун воситаи ташаккули завқи маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои олии техникӣ / С.А.Султанова [Матн] // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши «Педагогика». –Душанбе, 2019. -№ 2 (79). –С.21-26.

[4-М] Султонова, С.А. (бо ҳаммуаллифӣ). Усул ва роҳҳои дурусти омӯзиши забони англисӣ барои навомӯзон / С.А.Султанова ва дигарон [Матн] // Паёми пажуҳишгоҳи рушди маориф. Бахши «Педагогика ва психология». –Душанбе, 2019. № 3 (27). –С.54-60.

[5-М] Султанова, С.А.. Формирование межкультурной компетенции студентов технического вуза в процессе обучения иностранному языку / С.А.Султанова [Матн] // Материалы республиканской научно-практической конференции (Факультета английского языка ТГПУ им.С.Айни на тему «Актуальные проблемы филологии и перевода». – Дунанбе: ТГПУ, 2016. .-С. 88-84.

**Мутобиқати диссертатсия ба шифри ихтисос.**

Кори диссертатсионии Султонова Сурайё Абдурашидовна таҳти унвони «Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ» мутобиқ аст ба шифри ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзиш ва парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ).

Диссертатсияи Султонова Сурайё Абдурашидовна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар

раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ» ба ҳимоя барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзиш ва парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод карда мешавад.

Бинобар ин, кафедра диссертатсияи мазкурро аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 -Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забони хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) барои дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика тавсия менамояд. Иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Қарори № 6 аз 30.10.2020.

**Раис:** Мудири кафедраи методикаи таълими забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Ғуломов Абдураҳим Остонаевич

**Котиби ҷаласа:** саромӯзгори кафедраи методикаи таълими забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Ҳалимова Зарина Раҳимҷоновна

04 ноябри 2020 с.

Имзои А.Ғуломовро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсусии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Назаров Давлатхон Қурбонмуродович

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ С. АЙНӢ • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСӢ

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail:tgpu@mail.ru; www.tgpu.tj